## ТАҚРИЗ

**ба автореферати Қаҳорова Супарна Хуҷамуродовна дар мавзӯи «Имконияти педагогии омодагии донишҷӯёни донишгоҳҳои педагогӣ ба инкишофи шавқи маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – назария ва методикаи фанҳои дақиқ (илмҳои педагогӣ)**

Ба инкишофи дониши психологию педагогӣ оид ба шавқи маърифатӣ саҳми назаррасро Я.А.Коменский гузаштааст. Кӯшиши табдил додани таълим, ки дар шакли «меҳнати омӯзиш» барои таълимгирандагон баррасӣ мешуд, ба сарчашмаи қонеъ гардидан тариқи фаъолияти зеҳнӣ, ки ба таълимгирандагон нишоти маънавӣ мебахшад, матлабҳои дидактикии ӯро таъйин намудаанд, бо вуҷуди он, ки дар мероси педагогии ӯ мафҳуми «шавқ» аз дидгоҳи дониши педагогӣ ташаккул наёфта буд.

Дар маҷмӯъ, муаммои ташаккул ва инкишофи шавқ дар эҷодиёти илмӣ – педагогии як қатор муҳаққиқон ба назар расида, аз давраи зоҳиршавии марҳалаҳои оддитарин то самти ҷанбаҳои амиқ ва пурмазмуни онро фаро мегирад. Ҳамаи ин минбаъд барои асоснок намудани пояҳои назариявӣ ва самтҳои ташаккули шавқу рағбатҳо аҳамият дошт.

Дар аксарияти таҳқиқот таҷрибаҳое тавсиф шудаанд, ки бо мушоҳидаи роҳҳои ташаккул ва инкишофи шавқу рағбатҳо дар заминаи мушаххасгардонии марҳалаҳои зоҳиршавии шавқу рағбатҳо алоқаманд буда, ҳар марҳала аз рӯйи нишонаҳои беруна муайян мегардад.

Аз ҳамин лиҳоз, мавзӯи таҳқиқотӣ мубрам ва муҳим ҳисобида шуда, сифатҳои шахсият дар таркиби қобилиятҳо бояд барои имконияти ягон фаъолияти мушаххас, ки дар натиҷаи он хислатҳои муайяни шахсият инкишоф меёбад, ҳузур дошта бошанд. Дар навбати худ хислатҳои мазкур бо сифатҳои мавҷудаи шахсият синтез шуда, ба сохтори қобилиятҳои шахсият дар ин фаъолият ворид мегарданд.

Дар асоси маншаъҳои табиии мавҷуда, агар шароити дахлдор вуҷуд дошта бошад, таҳти таъсири тарбия майлу рағбати хонандагон инкишоф меёбад.

Ба андешаи муаллифи рисола, пайдоиши шавқ бо ҷанбаи физиологӣ таъйин мегардад, ки бо моҳияти диққат робитаи мутақобил дорад. Ҳардуи онҳо аз макони якхелаи ангезиш бармеоянд. Дар доираи қонуни фаросати (интуитсия) мутақобил дар макони ангезиш мавҷи қатъкунанда пайдо мешавад, ки маркази ангезишро аз барангезандагони нав дур месозад.

Дар автореферат қайд карда шудааст, ки як қатор равандҳои рӯҳӣ метавонанд ба омодашавии пайдоиши шавқ мусоидат кунанд, ва баръакс – шавқ метавонад сабабгори пайдоиши раванди муайяни рӯҳӣ гардад. Шавқ дар алоқамандӣ бо раванди рӯҳӣ ва дар чунин заминаҳо пайдо шуда метавонад:

– аз ҷониби шахсият дарк шудани аҳамияти фаъолият ва дурнамои инкишофи он;

– саргармӣ ба фаъолияте, ки аз воситаи расидан ба ҳадаф ба объекти шавқу рағбат табдил меёбад;

– қаноатмандии эмотсионалӣ аз худи раванди фаъолият;

– натиҷаи амалисозии фаъолияти самаранок.

Шавқе, ки ба пайдоиши раванди рӯҳии мушаххас мусоидат менамояд, ба он минбаъд низ таъсир мерасонад, ки тариқи наздикии хусусияти динамикии онҳо дар шакли нерӯ ва устуворӣ зоҳир мешавад, ки ба тобиши эмотсионалӣ мусоидат менамояд.

Чӣ хеле, ки Қаҳорова С.Х. дар автореферати худ баён менамояд, зоҳиршавии шавқ ба фаъолияти мушаххас автоматӣ рӯй намедиҳад, балки ба сабабе вобаста аст. Ба ин коркарди зеҳнии иттилоот аз ҷониби шахсият оид ба предметҳои муайян ё навъҳои фаъолият мусоидат мекунад, ки тавассути муносибати эмотсионалӣ зоҳир мегардад. «Бо ёрии тафаккур инсон таҳрикҳои гуногунро баҳо медиҳад, онҳоро муқоиса мекунад, созгории онҳоро бо ақидаҳо, идеалҳо, рағбатҳояш муайян менамояд, ҷиҳатҳои эмотсионалии ин таҳрикҳоро ба назар мегирад ва фақат баъди ҳамин ба фаъолият «фармон», такон дода, ҳадафҳои онро муқаррар месозад»

Гуфтан ҷоиз аст, ки дар бобҳои якуму дувум масоили ташаккули мушкилтарин ва муҳимтарини фаъолияти омӯзгори математика дар шароити муосир кор оид ба ташаккул додани ангезиши устувори мусбат ба фаъолияти таълимӣ дар ҳар як хонанда мебошад, баррасӣ гардидааст. Дар кори диссертатсионӣ мафҳуми шавқи маърифатӣ яке аз сифатҳои шахсияти донишҷӯест, ки ихтисоси мазкурро интихоб кардааст, хислати ӯст, ки дар намуди кунҷковӣ, донишдӯстӣ, фаъолмандӣ зоҳир мешавад. Шавқу рағбат дар шакли муносибати интихобии донишҷӯ ба ин ё он фанни таълимӣ падидор мегардад. Аз як тараф, шавқи маърифатӣ манбаи амалисози вазифаҳои тарбиявии таълим буда, кирдорҳои донишҷӯро ғанӣ мегардонанд ва ҳидоят менамоянд; аз тарафи дигар, шавқи маърифатӣ натиҷаи таъсироти тарбиявист, ки ба раванди азхудкунӣ ва ба даст овардани донишҳо оид ба ин ё он фан мусоидат менамояд. Махсус қайд бояд кард, ки ташаккули шавқи маърифатии донишҷӯён дар навбати худ, бо донистани асосҳои назариявии шавқи маърифатӣ алоқаманд аст.

Боис ба қайд аст, ки дар автореферати диссертатсияи ҚаҳороваС.Х. зикр гардидааст, ки таълиме, ки дар доираи назарияи фаъолияти ҳадафмандонаи таълимӣ тарҳрезӣ мешавад, самтгирии тамоман дигар дорад, ки дар он тасаввуроти умумӣ оид ба мафҳуми бунёдии омӯхташаванда дар марҳалаи ибтидоии таълим ворид карда мешавад. Минбаъд он ғанӣ мушаххас гардида, ба хонандагон имкони ба он такя карданро ҳамчун ба амсилаи абстрактии тамоми таълими оянда фароҳам меорад.

Ҳамин тавр, фаъолияти таълимӣ – маърифатии хонандагон метавонад сарчашмаи пайдоиш ва инкишофи шавқи маърифатӣ дар он сурат бошад, ки агар талаботи зерин иҷро шаванд: фаъолияти таълимӣ – маърифатӣ бояд бошуурона амалӣ шавад; ҳадафҳои асосии таълим дар ҳар мавриди мушаххас бояд ҳамчун предмети фаъолияти таълимии хонандагон зуҳур ёбанд; характери фаъолияти таълимӣ – маърифатӣ бояд ба мундариҷаи маводи таълимӣ мувофиқ ва ба марҳалаи азхудкунии он мутобиқ бошад; фаъолияти таълимӣ – маърифатӣ бояд дар асоси назардошти қонунияти асосии хотир ва тафаккур ба роҳ монда шавад.

Таҳқиқоти гузаронидаи диссертант вақту маҳорати зиёдро талаб кардааст, умедворам, ки дар ҳалли якчанд муамоҳои мубрам оид ба корҳои баланд бардоштани шавқи маърифатии хонандагон саҳми босазои хешро хоҳад гузошт. Муаллиф сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент

Мудири кафедраи математикаи олӣ ва физика – и

ДПДТТХ ба номи М.С. Осимӣ Раҳимов Амон Акпарович

Суроға:

Ҷумҳурии Тоҷикистон,

Вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд,

Кӯчаи И.Сомонӣ 226

Тел: +992(927212607)

E - mail: amon_rahimov@mail.ru

Имзои Раҳимов А.А.- ро тасдиқ мекунам:

Мудири шӯъбаи кадрҳо Ёқубова М.А.